**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор**

**_______________Ибодуллозода А. И.**

**«_29_»_______08_______ 2025**

**ТАҚРИЗИ**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942- 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 -Таърихи ватанӣ)**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 9-и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-093 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърихи назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ аз 15.07.2025 с. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна муассисаи пешбар таъин гардида буд.

Диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар доираи нақшаи панҷсолаи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба иҷро расида, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ № 1, аз 26 августи соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: номзадони илмҳои таърих, дотсентон Ғ. Гадоев, Ғ. Роҳатов, М. Шарипов, С. П. Сайнаков, М. Ганҷакова, С. Ғуломшоев, Д. Раҳматшоев ва унвонҷӯёну докторантон (PhD)-и кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Ғуломшоев Силемоншо омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, мусоҳибаи муаллиф бо коршиносон, собиқадорони корхона ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба талаботи шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301– Таърихи ватанӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ** дар он асоснок карда шудааст, ки дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ саноати семент боз ҳам аз соҳаҳои муҳим аз лиҳози имкониятҳои ҷуғрофию захираҳои табиӣ барои саноати мамлакат ба ҳисоб меравад, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти кишвар қарор дорад. Дар ин замина бо ҷалби сармояи хориҷӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилоти давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ як қатор корхонаҳои бузурги сементбарорӣ сохта, ба истифода дода шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли сементро даҳ маротиба афзун намуд. Сабаби дигаре, ки барои омӯхтани мавзуи мазкур водор сохтааст, дар илми таърихнигории тоҷик ба қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагаштани он мебошад.

**Пойгоҳи манбаъвии** диссертатсияро манбаъҳои таърихӣ, маводи бойгонӣ ва матбуоти даврӣ ташкил медиҳанд.

**Объекти таҳқиқ** бошад масъалаи фаъолияти корхонаи сементи Душанбе дар даврони Шуравӣ ва замони истиқлол интихоб шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот аз омӯзиш, таҳлил ва инъикоси таърихи ташаккулёбии корхонаи сементбарории шаҳри Душанбе дар замони Шуравӣ ва даврони истиқлол иборат мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори нахуст таърихи ташаккули фаъолияти корхонаи “Тоҷиксемент” дар даврони Шуравӣ ва замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1942-2021) мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ҷараёни эҳё ва ташаккули соҳаи мазкур дар марҳилаи муайяни болозикр таҳқиқ шудааст.

**Сохтори диссертатсия** муқаддима, аз ду боб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқот баён гардида, дараҷаи омӯзиши масъала тавзеҳ дода шуда, навгониҳо, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия мушаххас баён карда шудааст.

Боби якум **“Фаъолияти заводи сементбарорӣ дар даврони Шуравӣ (1942-1990)”** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум - “**Заминаҳои таърихӣ ва табиии ба вуҷуд омадани корхонаи семент дар шаҳри Душанбе”** дар баробари инъикоси захираҳои табиии Тоҷикистон эҳтиёҷоти мамлакат ба ин маҳсулоти сохтмон таҳлил шудааст.

Сохтмони заводи семент дар Тоҷикистон яке аз лоиҳаҳои афзалиятнок дар саноатикунонии ҷумҳурӣ дониста шуда, Шурои Комиссарони Халқи Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ дар қарори худ аз 1- уми апрели 1935 дар шаҳри Сталинобод сохтани заводи сементро пешбинӣ кард. Баъди анҷом ёфтани корҳои таҳқиқотӣ, озмоишӣ ва геологӣ макони бунёди сохтмони заводи мазкур муқаррар карда шуд. Мавзеъ дар соҳили дарёи Варзоб, аниқтараш 11 километр дур аз шаҳр интихоб шуда, дар амалишавии лоиҳа 60 нафар лоиҳакаш, муҳандис ва мутахассисону коргарон сафарбар карда шуданд. Аз феврали соли 1937 дар маҳаллаи шафати Сталинобод сохтмони завод оғоз гардида, аллакай аз 11-уми июли соли 1938 сохтмони биноҳо ва нуқтаҳои истеҳсолии завод ба роҳ монда

мешавад. Моҳи феврали соли 1937 баъди таҳқиқоти геологӣ кони оҳаксанги Харангони ноҳияи Варзоб бо захираи бузурги ашёи хом кашф карда шуд, ки заминаи дигари дар ин мавзеъ, яъне наздик ба кони мазкур сохта шудани заводи сементи Сталинобод гардид.

Зербоби дуюми боби аввал, ки **“Рушди истеҳсоли семент дар давраи баъдиҷангӣ ва аҳаммияти он дар пешрафти соҳаи сохтмон ва саноат”** ном дорад, ба масъалаи хусусияти хоси сохтмон, фаъолият ва нақши стратегии соҳаи мазкур бахшида шудааст. Шурои Комиссарони Халқи Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ дар қарори худ аз 1-уми апрели 1935 дар шаҳри Сталинобод сохтани заводи сементро пешбинӣ кард. 6 -уми декабри 1942 дар шаҳри Сталинобод заводи семент ба кор сар карда, соли 1945 ба иқтидори пурраи фаъолияти истеҳсолӣ гузашт ва то охири сол ҳаҷми истеҳсоли семент дар заводи сементи Сталинобод то ба 1845 ҳазор тонна мерасад.

Соли 1956 дар корхона хати дигари технологӣ ба кор андохта мешавад. Ҳамин тариқ, сементи Душанбе дар тӯли даҳсолаҳо дар сохтмони неругоҳҳои машҳур, монанди Нораку Бойғозӣ, Роғун ва Сангтӯда истифода шудааст.

Дар зербоби сеюм, ки “**Омода намудани кадрҳо**“ номгузорӣ гардидааст, масъалаи таъмини корхонаи истеҳсоли семент бо қувваи корӣ, мутахассисони муҳандисию техникӣ, идоракунӣ ва ғайра дар солҳои 40-уми асри XX- оғози асри XXI баррасӣ шудааст. Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбият ва кории кормандони завод соли 1953 то 73 нафар кормандон ва мутахассисон ба курсҳои такмили ихтисос ва курсҳои азнавтайёркунӣ чи дар дохили ҶШС Тоҷикистон ва чи дар дигар шаҳрҳои ИҶШС фаро гирифта мешаванд, ки ин раванд сол то сол сатҳу сифати кории кормандони заводро беҳтар мекард. Танҳо дар соли 1980 ҳамагӣ 544-нафар ба курсҳои такмили ихтисос фиристода мешавад.

Ҳамин тариқ, масъалаи бо кадрҳо, мутахассисони истеҳсолот таъмин кардани корхонаи истеҳсоли сементи Душанбе дар солҳои баъдиҷангӣ

душвориҳои зиёдро, бахусус давраҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, барқароркунии хоҷагии халқро паси сар намуда, дар солҳои 70-80-уми асри XX ба яке аз корхонаҳои калони ҷумҳурӣ табдил ёфтааст. Душвориҳои кадрие, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992-1997) ба амал омада буданд, шуруъ аз соли 2010 ҳалли худро пайдо намудааст.

Боби дуюм – **“Азнавсозии истеҳсолот дар заводи сементбарорӣ дар шароити нави иқтисодӣ (охири асри XX-аввали асри XXI)”** аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум **“Фаъолияти корхонаи семент дар шароити нави иқтисодӣ”** гуфта мешавад, ки ар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ саноати сементбарорӣ низ яке аз соҳаҳои муҳим аз ҷиҳати имкониятҳои ҷуғрофию захираҳои табиӣ барои саноати мамлакат ба ҳисоб меравад, ва аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ зери таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти кишвар қарор дорад. Роҷеъ ба исботи матлаби мавриди назар бояд қайд намуд, ки то соли 2014 дар Тоҷикистон 9 корхонаи истеҳсоли семент фаъолият мекард, ки бузургтаринашон корхонаи «Тоҷиксемент»-и шаҳри Душанбе ва «Ғаюрсемент»-и ноҳияи Ёвон ба ҳисоб мерафт. ҶСК “Тоҷиксемент” дар ҷумҳурӣ ягона корхонае мебошад, ки портландсементи ба сулфат тобовари М-400 тариқи намнокӣ истеҳсол мекунад. Аммо ин корхонаи машҳуру овозадори кишвар низ аз пайомадҳои ногувори ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри XX дар канор намонда, хисороти моддию техникӣ мебинад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, оғоз аз соли 2000-ум фаъолияти корхонаҳои истеҳсоли семент дар ҷумҳурӣ аз нав эҳё гардид.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **“Нақши- заводи сементбарорӣ дар таъмини корхонаҳо ва иншоотҳои азими Тоҷикистон”** қайд шудааст, ки аз ҷиҳати сифати истеҳсоли семент ҶСК “Сементи Тоҷик” дар байни давлатҳои Шуравӣ ҷойи дуюмро ишғол мекард. Дар он солҳо корхона қариб сад фоиз талаботи дохилии ҷумҳуриамонро бо семент таъмин намуда, барои сохтмони иншооти калонтарини кишвар, аз қабили Неругоҳҳои барқӣ, нақби обгузари 14- километраи “Данғара – Ёвон” ва як қатор корхонаҳои азими мамлакат- Ширкати “Арзизи тоҷик”, азоти

Сарбанд, “Тоҷиккимсаноат”-и Ёвон ва ғайра маҳсулоти хушсифат истеҳсол мекард. Ғайр аз он ҶСК “Сементи Тоҷик” иншоотҳои муҳимми кишварро, ба монанди дирексияи иншоотҳои сохтмонии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сементи хушсифат таъмин менамояд. Зиёда аз ин сементи корхона дар бозорҳои хориҷи кишвар низ мавқеи хоса пайдо намуда.

Зербоби сеюми боби дуюм **“Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳаёти коргарони корхонаи истеҳсоли сементи ш.Душанбе”**ном дорад, ки фарогири масъалаҳои иҷтимоии корхона мебошад. Дар ин зербоб қайд карда мешавад, ки аз соли 2010-ум сар карда, сол то сол рушд кардани фаъолияти завод боиси беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии коргарон мегардид. Дар ин давра дар завод 1020 нафар ба кор машғул буда, дар қиёс бо корхонаҳои ҷумҳурӣ маоши нисбатан баландтарро мегиранд. Маоши як кафшергари оддӣ 3500-3700 сомониро ташкил медод. Дар ин давра масъалаи таъмини кадрҳо, ки бо баромада рафтани мутахассисони русзабон, ки нуқтаҳои асосӣ ва ҳассоси заводро идора менамуданд ва мушкилии ниҳоят ҷиддӣ ба миён оварда буд, дар як давраи кӯтоҳ кадрҳои маҳаллӣ ҷойҳои холиро пур карданд ва ин мушкилиҳо ҳалли худро пайдо карданд. Барои коргарон шароити хуби корӣ муҳайё карда шудааст. Хобгоҳ, боғчаи кӯдакон, маркази тиббӣ, китобхона, ошхона ва хоҷагии ёрирасон - ин ҳама барои аҳли заҳмати коргоҳ пешбинӣ гардидааст. Инчунин, барои кӯдакони коргоҳ боғчаи бачагона сохта, имтиёзҳои зиёди иҷтимоӣ фароҳам оварданд, барои муҳандисону механикҳои “Тоҷиксемент” маркази саломатӣ бунёд карда, табибони соҳибтаҷрибаро ба кор ҷалб намуданд.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

**Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва арзёбии аҳамияти он** аз он иборат аст, ки унвонҷӯй дар асоси маъхазҳо, таҳқиқи саҳроӣ ва адабиёти илмӣ масъалаи мазкур таҳқиқ кардааст. Дар ҳамин асос сарчашмаҳои заруриро таҳлил

намуда, хулосаҳои шахсиро баён намуда, ки натиҷаҳои дилхоҳ бароварда шудаанд. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқи мустақими унвонҷӯй ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудааст, ки дар он асос ва натиҷаҳои таҳқиқ инъикос ёфтаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Натиҷаҳои мушаххаси илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки унвонҷӯй дар таърихнигории ватанӣ ва илми этнография бори нахуст шуда, оид ба ҷуғрофияи таърихии ноҳияи Рушон, тақвимҳои анъанавӣ, ҷашнҳои анъанавии мардумӣ ва маросимҳои вобаста ба онҳо, ҷашну марсимҳо вобаста ба таваллуд ва тарбияи кӯдак, маросимҳои тӯёна, маросимҳои марг ва азодории тоҷикони Рушон дар шакли том таҳқиқи илмӣ анҷом дода, хулосаҳои дақиқи илмӣ пешниҳод намудааст, ки аҳаммияти калон доранд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқарраароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 7 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсия дар мавзӯи ***«Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942- 2021)»*** мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳои зудислоҳшаванда ба назар мерасанд:

1. Дар муқаддима дар қисмати сатҳи омӯзиши мавзуъ на ҳамаи асарҳои илмӣ ва мақолаҳо вобаста ба масъала таҳлил гардидаанд.

2. Дар диссертатсия дар инъикоси масъалаи рушди истеҳсоли семент дар давраи баъдиҷангӣ мисолҳои муқоисавӣ бо давраи то Ҷанги Бузурги Ватанӣ оварда нашуааст, ки аҳаммияти соҳаро дар пешрафти соҳаи сохтмон ва саноат дақиқтар мекушод.
3. Дар зербоби "Омода намудани кадрҳо"масъалаи таъмини корхонаи истеҳсоли семент бо қувваи корӣ, мутахассисони муҳандисию техникӣ, идоракунӣ ва ғайра дар солҳои 40-уми асри XX- оғози асри XXI баррасӣ шудааст, аммо нақши ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, махсусан РСФСР камтар ба назар мерасад.
4. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия нақши комсомол-ҷавонон ҳамчун боби алоҳида инъикос карда мешуд, ки он арзиш ва сифати корро боз ҳам баландтар мекард.
5. Дар матни диссертатсия камбудиҳои ҷузъии техникию имлоӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои овардашуда қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо хусусияти тавсиявӣ ва зуд ислоҳшаванда буда, муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр пешниҳод намудани монография онҳоро бартараф намояд.

Бо ҳамин, дар рафти навишти диссертатсия унвонҷӯй пас аз омӯзиши маъхазҳо, адабиёти илмии соҳавӣ, гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ ва мушоҳидаи ҳаррӯзаи ҳаёти рушониён мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кардааст. Диссертатсия аз маълумоти илмӣ оид ба этнографияи тоҷикони куҳистон хеле бой буда, натиҷаҳои илмии он аҳамияти калон доранд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзуи ***«Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942- 2021)»*** ба талаботи бандҳои 31 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан мутобиқ буда, муаллифи он – Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна – сазовори гирифтани дараҷаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 -Таърихи ватанӣ) мебошад.

Такризи муассисаи пешбар аз тарафи номзади илмҳои таърих, дотсент Ғуломшоев Силемоншо омода гардида, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ баррасӣ ва дар маҷлиси ҳамин кафедра ҷонибдорӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи овоздиҳӣ аз – 20 нафар иштирокчиён: тарафдор – 20 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

(Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 1, аз 26 августи соли 2025).

**Раиси ҷаласа, мудири**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Сайнаков**
**Сайнак Парпишоевич**

**Эксперт,**
**номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Ғуломшоев**
**Силемоншо Акимшоевич**

**Котиби ҷаласа** **Қодирова Малика**

***Имзоҳои Сайнаков С.П., Ғуломшоев С. А., Қодирова М. – ро тасдиқ менамоям:***

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи С. Айнӣ** **Абдукарим Мустафозода**

**“29” 08 2025**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj